**ТАҚРИЗИ**

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Мираказода Фаридун Юсуфи дар мавзӯи **«Туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих ва дурнамои рушд (солҳои 1991-2016)»** барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)

Туризм яке аз самтҳои муҳими иқтисод ва фарҳанги кишварҳо ба шумор рафта, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ он яке аз бахшҳои муҳими сиёсати давлатӣ ва иқтисоди миллӣ дониста мешавад. Бо ташаббуси Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2019-2021 солҳои рушди сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва деҳот эълон карда шудааст. Таҳқиқи ин мавзӯъ аҳамияти муҳими илмӣ дошта, рисолаи Мираказода Ф.Ю. ба таърихи туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти илмӣ иборат мебошад.

**Боби якуми диссертатсия** «Заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии рушди туризм дар Ҷумҳурии Точикистон» ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввал ба масъалаи хеле муҳим - Мероси таърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷик ҳамчун ҷозибаи сайёҳии Тоҷикистон дахл карда, муаллиф нақши бағоят муҳими мероси таърихиву фарҳангии тоҷиконро таҳқиқу баррасӣ кардааст. Муаллиф ба чунин натиҷа расидааст, ки вуҷуд доштани мероси ғании таърихию фарҳангӣ яке аз авомили муҳими таваҷҷуҳи роҳбарияти кишвари Тоҷикистон дар ин самт гардидааст. Дар зербоби дувум, ки «Сиёсати давлатии Тоҷикистон дар самти туризм: фароҳам овардани шароити сиёсӣ ва базаи ҳуқуқӣ» ном дорад, муаллиф талош кардааст, ки таҳкими қонунгузории кишвар дар заминаи туризм ва сиёсатгузории онро ба нақду баррасӣ кашад. Дар ин бахш таъкид мегардад, ки фурӯпошии ИҶШС ва ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ба соҳаи мазкур талафоти ҷуброннопазир ворид кард. Муаллифи диссертатсия сипас ба силсилатадбирҳои Ҳукумати

Муаллифи диссертатсия сипас ба силсилатадбирҳои Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати зинда кардани туризм ва қабули чандин барнома ишора карда, натиҷаҳои мантиқии ин гуна сиёсатро зинда шудани туризм ва то ба сатҳи сиёсати давлатӣ расондани он меҳисобад.

**Боби дуюми диссертатсия** «Динамикаи рушди туризм дар Тоҷикистон дар солҳои 1991-2006» ном дошта, аз ду зербоб таркиб ёфтааст. Дар зербоби нахуст, ки «таърихи бунёди ниҳоди дахлдор дар соҳаи туризм ва марҳилаҳои асосии фаъолияти он» ном дорад, омадааст, ки муҳимтарин иқдоми Ҳукумати Тоҷикистон таъсис додани ниҳоди масъул барои пеш бурдани сиёсати туризм дар Тоҷикистон ба шумор меравад. Муаллиф ба натиҷае мерасад, ки таъсиси ниҳоди дахлдор ва масъулу ҷавобгӯ барои рушди сайёҳӣ дар кишвар яке аз иқдомоти ҷиддӣ ва муфиду саривақтии Ҳукумати мамлакат буда, омори дар даст буда, нишон медиҳад, ки ба кор шурӯъ кардани он фаъолияти соҳаро ҷиддан дигаргун кард. Самтҳои асосии таваҷҷуҳ маълум гардида, туризми дохилӣ ва хориҷӣ аз зинаи карахтӣ ва қафвомониву вопасгарой берун омад. Зербоби дувум «Экотуризм дар Тоҷикистон ва дурнамои рушди он» ном дошта, муаллиф бештари дастоварду ҷозибаҳои экотуристии кишварро номбар кардааст. Муаррифии ҷозибаҳои сайёҳӣ ба навиштаи муаллиф яке аз вазифаҳои аслии масъулони соҳа дониста мешавад.

**Боби сеюми дисертатсияи** Мираквода Ф.Ю. «Туризм дар Тоҷикистон дар солҳои 2007-2016 ва дурнамои рушди он» номида шудааст. Зербоби аввал «Туризми дохилӣ ва роҳҳои тавсеаи он: мушкилот ва дурнамо» ба масъалаҳои асосии туризми дохилӣ ва роҳҳои тавсеаи он ихтисос ёфтааст. Муаллиф бар асоси арқому омор ва ҷадвалҳо мушкилот ва роҳҳои рушди ин навъи туризмро шарҳ додааст. Дар зербоби дуюм муаллифи диссертатсия ҷанбаҳои аслии рушду тавсеаи туризми табобатӣ дар Тоҷикистонро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Бештари мавзеҳо ва таърихи бунёд ва тавсеаи ин маконҳо нишон дода шудаанд. Унвонҷӯ хулоса мекеунад, ки туризми табобатӣ

калони иқтисодӣ ба шумор омада, рушди минбаъдаи ин навъи туризм дар кишвар яке аз вазифаҳои таъхирнопазир дониста мешавад. Зербоби охирини диссертатсия «Шаклгирӣ ва рушди туризми байналмилалӣ дар Тоҷикистон» ном дошта, аз ҷумла қайд карда мешавад, ки ба ҳайси узвияти вобастаи Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ эътироф гардидани Тоҷикистон дар соли 2007 на танҳо раванди ташаккулёбии соҳа, балки ҷараёни шаклгирии сохтори идоракунии сайёҳиро дар кишвари мо такон бахшид ва ҷиҳати рушди минбаъда боз як марҳилаи сифатан нави рушдро ба миён гузошт.

Хулосаи диссертатсия натиҷаҳои умумии зербобҳо буда, чанд тавсия ва пешниҳод ҷиҳати тавсеаи индустрияи туризм ва ҷалби сайёҳон низ ироа шудааст. Диссертатсия бар пояи сарчашмаву адабиёт ва маводи бойгониву матбуоти даврӣ ва ғайра фароҳам оварда шудааст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи унвонҷӯ Мираксода Фаридун Юсуфи кори баанҷомрасида ва ҳадафманд буда, пас аз муҳокимаи нахустин аз ҷониби муаллиф тасҳеҳ, таҳрир ва такмил гардонда шудааст. Диссертатсия ҷавобгӯи талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои дифоъ пешниҳод мегардад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои таърих,
дотсенти кафедраи таърихи
дунёи қадим, асрҳои миёна ва
бостоншиносии факултети таърихи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муллоҷонов С.К.

**Имзои Муллоҷонов С.К.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Нишонӣ: 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
Тел.: (+992 37) 2217711; 2214796
Сомона: www.tnu.tj
E-mail: tnu.int.re@gmail.com